*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(Суроға: кӯчаи Наҳимов 64/14, Душанбе,*
*Тоҷикистон, 734064, Почтаи электронӣ: www.tgfeu.tj)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қодирзода Ҳуршед Қодир ба диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи иҳтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023 таҳти № 6 тасдиқ шудааст) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз:

- 2.4. Пешгӯйӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ;
- 2.5.Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт;
- 2.6.Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ;
- 2.9.Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ, мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии тамоми мамлакатҳо ба ҳисоб рафта ҳамеша дар меҳвари асосии сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор мебошад. Дар даврони соҳибистиқлолии давлатӣ масъалаи маблағгузории муассисаҳои олии касбӣ (МТОК) аз ҳисоби буҷети давлатӣ сол то сол тамоюли баландшавиро дошта теъдод ва шумораи донишҷӯён низ афзоиш ёфта,масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омузгорон ва истифодаи технологияи муосир дар раванди таълим,ҳамкориҳои байналмиллалӣ давра ба давра беҳтар шуда истодааст.

Яке аз фишангҳои муҳиме,ки дар рушди ин ё он соҳаҳои муҳими иқтисоди иҷтимоӣ ва ба раванди фаъолияти молиявии он таъсири мусбӣ ё манфӣ расонида,зарурияти танзими онро ба миён меорад, ин қонунгузории амалкунандаи низоми андозбандии он кишвар мебошад. Низоми андозбандии муосири миллии кишвар дар солҳои охир, бо назардошти беҳтарнамоии муҳити сармоягузорӣ ва тараққиёти ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ новобаста аз шакли моликият, дар самти паст шудани меъёрҳои андозбандӣ,пешниҳоди зиёди имтиёзҳои андоз ба соҳҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар ва бештар истифодабарии технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ дар мақомоти андози кишвар давра ба давра такмил ёфта истодааст.

Дастгирии давлатии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва худмаблағгузор дар шароити муосир ба ташаккули мустақили сохтори онҳо, татбиқи барномаҳои таълимии мухталиф, мутобиқшавӣ ба талаботи бозори меҳнат ва ҷалби сармояи дохилӣ иртибот дорад, ки ҳадафи асосӣ баланд бардоштани сатҳи сифат ва дастрасии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бо назардошти андешаҳои фавқулзикр, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инҷунин объекту предмети диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо, ки меҳвари асосии онро омӯзиш ва роҳҳои такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир ташкил медиҳад, муҳим арзёбӣ мегардад.

3. **Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Эътимоднокӣ ва асоснокии муқаррарот, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида, ба таҳқиқоти принсипҳои бунёдии назарияи иқтисодии муосир, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои молия ва муносибатҳои молиявӣ, низоми андозбандӣ, танзими сиесати буҷетию андозӣ ва механизмҳои татбиқи он асос ёфтааст.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дар он унсурҳои навгонии илмӣ дида мешавад:

**Навгонии илмии таҳқиқот аз а**соснок намудани заминаҳои назариявию методологӣ ва методӣ оид ба мазмуну мундариҷаи таҳлили ҳолати андозбандии МТОК, вазъи онҳо, инчунин коркарди як қатор тавсияҳои амалӣ нисбат ба ташаккули муносибатҳои нави андоз, ки ба фикри диссертант вазъи молиявии андозсупорандагонро беҳтар намуда ба кам гардидани вазни сарбории маблағи таҳсили донишҷӯён мусоидат мекунад, иборат аст. Аз ин лиҳоз, натиҷаи назарраси назариявию методӣ, ва амалии таҳқиқот, ки ба фикри муаллиф дар он унсурҳои навгонии илмии дида мешавад, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст:

- муаллиф моҳияти андозро ҳамчун категорияи иқтисодию иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, оид ба мафҳуми андоз, низоми андоз ва идоракунии танзими онро дар соҳаи маориф муайян кардааст. Ҳамзамон, усулҳо ва вазифаҳои асосии ташаккул ва такмили низоми андозбандии МТОК-ро, ки он ба такмили муносибатҳои нави андозӣ, ба беҳтар намудани сатҳ ва сифати андозсупории муассисаҳои таълимӣ, паст намудани гаронии андоз ва ҳавфи андозӣ мусоидат менамояд, мавриди омӯзиш қарор додааст;

- муҳаққиқ пешниҳод намудааст, ки андозбандии соҳаи маориф вобаста ба зинаҳои таҳсилот гурӯҳбандӣ карда шавад ва дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун фасли (боби) алоҳида таҳия гардад, ки он ба акидаи муаллиф ба сатҳу сифати андозбандии соҳаи мазкур таъсири мусбӣ расонида, барои баҳисобгирии он заминаи мусоид фароҳам месозад. Зарурияти ба МТОК дар баробари соҳаҳои сайёҳӣ, кишоварзӣ, тиб, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, нақлиёт ва ғайраҳо пешниҳоди имтиёзҳои андозро асоснок намудааст, зеро маориф ба ақидаи диссертант,соҳаи калидии ташаккул ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар маҳсуб меёбад.

- муаллиф дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда оид ба низоми андозбандии кишварҳои тараққикардаи хориҷӣ ва бо дарназардошти доштани аҳамияти иҷтимоии соҳаи маориф, ҷонибдори озод намудани МТОК аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда мебошад. Қайд гардидааст, ки тадбири мазкур гаронии андозро паст намуда сатҳи самаранокии доҳилшавиро ба гуруҳои шартномавии МТОК-ро афзун намуда вазъи молиявии шаҳрвандонро беҳтар менамояд.

-дар раванди таҳияи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ таъсири муайяни омилҳо аз тарафи муҳаққиқ муайян карда шуда, дар асоси он тавсияҳои илмии такмили низоми андозбандии МТОК пешниҳод гардидааст. Ҳангоми таҳқиқот самтҳои асосии такмили меҳанизми андозбандии МТОК муайян гардида, раванди банақшагирӣ, ва роҳҳои мукаммалгардонии пардохти андозҳо бо назардошти татбиқи имтиёзҳои андозӣ дар шароити имрузаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Нуқтаҳои назари ҳудро ҳангоми натиҷагирӣ аз таҳқиқот муаллиф асоснок намудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Мақсади асосии таҳқиқот аз коркарди асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳо ҷиҳати такмили низоми андозбандии МТОК иборат буда, ки он дар таъмини рушди ин муассисаҳо таъсиргузор мебошад.

Аз ин ҷост, ки барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстрактсияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, ва ғайра истифода шудаанд, ки ба фикри

муаллиф асоснокӣ ва мӯътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**5.Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот** аз имкони татбиқи муқаррароти назариявии таҳияшуда, тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи он барои такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва худмаблаггузор дар шароити муосир истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун заминаи таҳқиқотҳои оянда дар самти такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намоянд ва ба рушди маориф ва иқтисодиёти муосир таъсири мусбӣ расонад.

**Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот** дар он аст, ки он барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта, бо мақсади таъмини рушди устувори фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти рақобатпазирии бозори меҳнати ҷумҳурӣ равона гардидаанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омода намудани мутахассисони самти молия, андозбандӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши иқтисод ва молия истифода шаванд.

**6.Сохтори кори диссертатсионӣ** гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онро тасдиқ мекунад, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо дарк намуда, ҷанбаҳои такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро илман асоснок намояд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйҳати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 173 саҳифа оварда шудааст, ки он 6 диаграмма 16 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад. Рӯйҳати адабиёт аз 130 номгӯй иборат аст.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти

назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин соҳтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия** – «Асосҳои илмӣ-назариявии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» ташаккули низоми андоз ва андозбандӣ дар Тоҷикистон, асосҳои методии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир, мушкилоти танзим ва механизми андозбандӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян шудаанд(саҳ 15-61).

Тавре ки, маълум аст андоз ва андозбандӣ, яке аз унсурҳои воқеан муҳими иқтисодӣ, дар тамоми давру замон, хусусан дар шароити имрӯзаи тамаддуни ҷаҳонӣ барои ташаккули молияи давлатӣ нақши калидӣ ва ҳалкунандаро дорад.

Муаллиф дар асоси ақидаҳои муҳаққиқони муосир ва классикӣ хулоса намудааст,ки андоз категорияи молиявию иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар давраҳои гуногуни таърихӣ аввалан шакли молиро соҳиб буда, сипас ба шакли пулӣ ифода ёфта, хусусияти ҳатмии бебозгашт дошта, даромадҳои давлатро ташкил намуда аз ҷониби аҳолӣ, соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқӣ пардохт карда мешавад (саҳ.26).

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки “низоми кунунии андоз дар Тоҷикистон ба ташаккули гурӯҳи андозсупорандагоне мусоидат менамояд, ки аз андозбандӣ даргурезанд ва манбаъҳои худро ба бахши иқтисоди пинҳонӣ нигоҳ медоранд. Бинобар ин, соддагардонии идоракунии андозбандӣ ба коҳиши сарбории андозҳои ба фаъолияти соҳибкорӣ равонашуда, рушди фаъолияти мақомоти андоз тавассути беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва тадриҷан баромадан аз фаъолияти иқтисоди пинҳонӣ ба фаъолияти қонунӣ заминасозӣ намуда, дар навбати худ яке аз воситаҳои муҳимми тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб дониста мешаванд” (саҳ.28).Аммо барои тасдики ақидаҳои дар боло қайдшуда ягон таҳлил аз тарафи муаллиф гузаронида нашудааст.

Ба фикри унвонҷуй андозбандии такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хеле муҳим аст, зеро дар аксари кишварҳои пасошуравӣ моликияти муассисаҳои соҳаи маориф ғайридавлатӣ карда шудааст. Дар ин сурат, маблағи буҷет ба самтҳои иҷтимову иқтисодии муҳиммиятдошта равона мегардад (саҳ.31).Андешаи муаллиф дар бобати пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари соҳаҳои сайёҳӣ, кишоварзӣ, тиб, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, нақлиёт ва ғайраҳо ҷолиб буда, зеро маориф соҳаи калидии ташаккул ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар маҳсуб меёбад. Инҷунин бисёр манфиатовар мебуд, агар воридот ва истеҳсоли мебел ва дигар лавозимоти соҳаи маориф ва

илм аз пардохти андози аз арзиши иловашуда озод бошанд(саҳ.43).Аммо пешниҳодҳои мазкур бе таҳлили асоснокии муқоисавии амалкунандаи имтиёзҳои андозӣ дар соҳҳаҳои дар болозикршудаи муаллиф анчом дода шудааст.

Дар диссертатсия механизми танзими андозбандии фаъолияти муассисаҳои олии касбӣ ва мушкилоти андозбандии он,инчунин таснифоти имтиёзҳои андозӣ дар шакли расм пешниҳод гардидааст (саҳ.45;47;55).Ба фикри муаллиф, ки низоми тадбирҳои дар самти пешниҳоди имтиёзҳои амалимешуда имконият медиҳанд,ки вазъи моливии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ беҳтар шуда самаранокии фаъолияти онҳо беҳтар гардад (саҳ.60).

**Дар боби дуюми диссертатсия** – «Баҳодиҳии иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳлили андозбандии онҳо» таҳлили ҳолати кунунӣ ва раванди андозсупории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамзамон омилҳои таъсиррасон ба андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва истифодаи таҷрибаи хориҷии андозбандии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ.62-111).Дар раванди таҳқиқот муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои макроиктисодӣ маълум менамояд,ки маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ тамоюли афзоишро дорад,ки ин бечуну чаро ба зиед шудани шумораи муассисаҳои олии касбии давлатӣ ва худмаблағгузор мусоидат менамояд (саҳ. 63-65).

Қайд гардидааст, ки барои боз ҳам рушд ёфтани соҳаи маориф ва афзоиш додани вазни қиёсии маблағгузории он нисбати ҳароҷоти буҷети давлатӣ ва ММД ва ба стандартҳои байналмилалӣ расонидани онҳо, боз ҳам шароиту имкониятҳо мавҷуданд, ки онҳоро дар оянда бояд хубтар истифода бурд.Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки барномаю стратегияҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар солҳои минбаъда афзоиш ёфтани маблағгузории соҳа пешбинӣ карда шудааст, ки метавон итминони комил ҳосил намуд, ки бобаробари ба роҳ мондани шарикии давлату сектори хусусӣ ин нишондиҳандаҳо тақвияти худро пайдо менамоянд (саҳ. 66).

Ба ақидаи таҳлилгар, бо зиёд шудани муассисаҳои ғайридавлатии соҳаи маориф метавонад ба рушди музди меҳнати кормандони тамоми соҳа боис гардад. Ин ақида дар он асос меёбад, ки имрӯз муассисаҳои ғайридавлатии соҳаи маориф дар умум фисади камтарро ташкил намуда, он қариб ба 10% -и шумораи умумии тамоми муассисаҳои соҳаи маориф баробар буда, дар миёни муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ бошад ба 10.4% баробар аст (аз 48 муассисаҳои олии касбӣ ҳамагӣ 5 адади онҳо дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолият менамоянд) (саҳ. 69).

Дар асоси омузиши қонунгузории амалкунандаи андози кишвар диссертант маълум намуд,ки муассисаҳои олии касбӣ ба монанди дигар субъектҳои ҳоҷагидорӣ супорандаи як қатор андозҳои муқарраргардидаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд ва дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ, гуё ки,ин муассисаҳо дар воридоти маблағҳои андозӣ ба буҷети давлати мавқеъи намоёнро доранд.Ҳиссаи аз ҳама зиёдро дар соли 2023 андоз аз даромади шахсони воқеъӣ-74,55%,андози иҷтимоӣ 11% ва андоз аз арзиши иловашуда - 5%-ро ташкил медиҳад (саҳ.75-80).,ки хулосаи мазкур таҳлил ҳамаҷонибаи минбаъдаро тақозо мекунад. Зикр гардидааст, ки ҳоло тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф андозро аз объектҳои ғайриманқул ҳамчун соҳаи хизматрасонӣ бо меъёри то 18% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як метри мураббаи масоҳати ҳамаи биноҳои худ пардохт менамоянд, ки дар маҷмуъ метавонад он маблағҳои калонро ташкил намуда, гаронии андозро барои ин андозсупорандагон зиёд намояд (саҳ.81-82).

Инчунин муаллифи диссертатсия омилҳои таъсиррасон ба сатҳи хафи андоз дар МТОК-ро таҳия намуда дар ҷараени амсилсозии иқтисодӣ-математикӣ мақсад гузоштааст,ки таъсири амиқи ин омилҳоро ошкор намуда дар чаҳорчубаи он тавсияҳои илмӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи он пешниҳод намояд(саҳ.84-90).Дар боби мазкур унвонҷуй омузиши таҷрибаи хориҷии низоми андозбандии муассисаҳои олии касбии ШМА,Британияи Кабир,Гурҷистонро зарур шуморида имконияти истифодабарии онро дар шароити имрузаи давлатамон пешниҳод менамояд (саҳ.97-98).Бо ин мақсад номгуи меъери андозҳои ИДМ, муассисаҳои таълимии худмаблағгузор дар Осиёи Марказӣ ва номгуи имтиёзҳои андозбандии андоз аз арзиши иловашудаи кишварҳои хориҷиро пешниҳод намудааст (саҳ. 98-101). Ба ақидаи муаллиф истифодабарии таҷриба ин давлатхо дар такмили низоми андозбандии муассисаҳои олии касбии кишварамон аз манфиат холи нест.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «Самтҳои мукаммалгардонии механизми андозбандии фаъолияти МТОК» ба омӯзиш ва пешниҳоди самтҳои асосии такмилдиҳии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, имтиёзҳои андозбандӣ ҳангоми татбиқи такмили механизми он дар МТОК ва мувофиққунонии (оптималикунонии) низоми андозбандии ин муассисаҳо бахшида шудааст(саҳ.112-153).

Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ муаллиф қайд менамояд,ки новобаста ба тағиру иловаҳои гузаронидашуда ба Кодекси андози амалкунанда,он то ҳоло пурра ва комил нест ва зарур мешуморад,ки муққарароти қисмҳои алоҳидаи он оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда,андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро бозбинӣ карда шавад(саҳ.115-116).Бо истифода аз таҷрибаи

давлатҳои пешрафта ба монанди Испания,Словакия,Норвегия,Британияи Кабир,ШМА,Фаронса ва ғайра муаллиф дар самти 3 андозҳои номбаршуда имтиёзҳои муқаррашудаи қонунгузории андози ин давлатҳоро,ки ба МТОК пешбинӣ шудааст мавриди омузиш қарор додааст(саҳ.116-118).

Яке аз мухолифатҳое,ки дар низоми амалкунандаи кишвар дида мешавад ин, моддаи 332-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёри андози иҷтимоиро, нисбат ба як объект муқаррар менамояд ва ду маротиба аз манбаи андоз ситонида мешавад. Дар ин амал суғуртакунандагон-муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф аз фонди музди меҳнат (20 %) ва суғурташавандагон аз музди меҳнат (2%) ба ҳисоби суғуртаи иҷтимоӣ малбағи андозро пардохт менамоянд, ки дар натиҷа ба фикри унвонҷуй суғуртакунандагон аз сабаби баланд будани гаронии андоз объекти андозро пинҳон нигоҳ медоранд (саҳ.119).Пешниҳоди дигари таҳлилгар бо истифода аз таҷрибаи омуҳташудаи давлатҳои пешрафта ин озод намудани соҳаи маориф аз пардоҳти андоз аз арзиши иловашуда,ки он имконият медиҳад,ки арзиши ҳизматрасониҳои таълимӣ коҳиш ефта,мутаносибан ба баланд шудани сатҳи дастрасии он мусоидат намояд(саҳ.120).Инҷунин аз тарафи муаллиф самтҳои асосии такмили низоми андозбандии МТОК дар шакли расм таҳия гардида ҷузъети он бо таври муҳтасар шарҳ дода шудааст(саҳ.122-124).

Дар диссертатсия унвонҷуй дар баробари аҳамият доштани имтиёзҳои андозӣ дар рушди муассисаҳои олии касбии кишвар паҳлуҳои манфии татбиқи ин унсури андозбандиро қайд менамояд,аз он ҷумла он ба кам шудани даромади буҷети давлатӣ,таъсири манфӣ ба самаранокии иқтисодӣ ва мураккаб шудани низоми андозбандиро оварда мерасонад (саҳ.131-133). Дар идомаи таҳқиқот самтҳои такмили меҳанизми андозбандии МТОК мушаххас нишон дода шудааст. Бояд зикр намуд, ки ин механизми пешниходшуда дар воқеъ амал мекунад, танҳо муаллиф онро бояд ба шароити амалкунандаи низоми андози миллӣ такмил ва мутобиқ менамуд (саҳ.134).

Муаллиф дар асоси маълумотҳои омории 4 МОКТ худмаблағгузор, таҳлили воридоти маблағи андоз аз арзиши иловашударо ба анҷом расонида зикр менамояд, ки нисбат ба МТОК давлатӣ ин пардохт вобаста ба шароити имрӯзаи иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон гаронии андозро зиёд намуда, ба сатҳу сифати таҳсил таъсири манфии худро мерасонад(саҳ.135-138).Барои тасдиқи ин суҳанҳо муаллиф ҷадвали гаронии андозро дар баъзе соҳҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ пешниҳод намуда бо таври мисоли назариявӣ онро барои муассисаҳои худмаблағгузори соҳаи маориф ҳисоб намудааст (саҳ.143-145).

Дар охири диссертатсия натиҷаҳои асосии илмӣ,тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати адабиети истифодашуда ва замима пешниҳод гардидааст (саҳ.153-173).

## 7.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 мақола дар алоҳидагӣ) ва 4 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

## 8.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба расмият даровварда шудааст ва бо забони илмӣ дар сатҳи миёна иҷро шудааст.

## 9.Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда ҷунин нуқтаҳои муҳимро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар банди дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмии дисертатсия номгуи 26 олимони хориҷӣ ва 35 олимони ватанӣ,ки вобаста ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ тадкиқот ба анҷом расонидаанд дарҷ гардидааст.Вале аз ин шумораи кам махсусан олимони ватание,ки дар самти мавзуъи мазкур интишороти илмӣ доранд ба монанди Саидмуродзода Л.Ҳ., Мирсаидов А.Б., Исломов С.И., Иброҳимов И.Р., Ризокулов Т.Р., Солеҳзода А.М., Ҷабборов Р.Т., Маъмуров А.М., Салимова М.Ю ва дигарон дар диссертатсия ягон иктибос оварда нашудааст.Дар баробари ин истифодабарии шумораи зиёди иқтибосҳо аз баъзе сарчашмаҳои алоҳида ба ҷашм мерасад.Масалан:

- иқтибоси [6]-4 маротиба саҳ.67;69-ҳаҷми 1 саҳифа;
- [49]-ҳаҷми 1 саҳифа 5 маротиба,саҳ.147-148;
- [130]8 маротиба - саҳ.31,90-91-92,96,103-104,135 ҳаҷми 2 саҳифа;
- [92]-ҳаҷми кариб як саҳифа саҳ.105.
- инчунин номувофиқатии иқтибосҳои [5,33.58,77,117, ва ғайра] саҳ.37,43,140-141 ба номгуйи руйхати адабиёти пешниҳодшуда.

2. Новобаста аз он, ки зербоби 1 “Ташаккули низоми андоз ва андозбанди дар Тоҷикистон” ном дорад вале марҳилаҳои муҳими раванди ин ташаккул ва хусусиятҳои фаркунандаи он дар даврони истиқлолияти давлатӣ мавриди таҳкикот ба анҷом расонида нашуда, бо сабабҳои номаълум муаллиф дар саҳ.32 самтҳои ислоҳоти низоми андози кишварро пешниҳод намудааст,ки мантиқи илмиро вайрон месозад.Инҷунин дар асоси омузиши вазъи соҳа аз тарафи муаллиф Расми 1.1-Таснифоти таркиби низоми андозбандӣ (саҳ.33), Расми 1.2-Механизми танзими андозбандии фаъолияти МТОК (саҳ.45),Расми 1.3-Мушкилоти асосии низоми андозбандии МТОК (саҳ.47);Расми 2.3 (саҳ.84),Расми 3.3-Муккамалгардонии механизми андозбандии МТОК таҳия гардидааст, вале шарҳи ҷузъети ин механизмҳо бо пешниҳоди далелҳои вокеъабинонаи ҳолати имрузаи низоми андози амалкунандаи миллӣ ба анҷом расонида нашуда, ҳолатҳои такрори он ва пайдарпаии мантиқии пешниҳоди ин расмҳо низ риоя нагардидааст. Қисми ин расмҳои пешниҳодшуда аз руи сохтори диссертатсия бояд дар Боби 3 ҷойгир карда мешуд.

3. Унвонҷуй дар саҳ.73 қайд менамояд,ки “саҳми муассисаҳои олии касбӣ низ дар ҳиссаи даромадҳои буҷети давлатӣ назаррас мебошад”,инҷунин дар саҳ.74 ва 110 илова менамояд,ки “пардохти андозҳо дар сохтори ҳароҷот(муассисаҳои олии касбӣ) мавқеъи намоён дошта,ҳаҷми он метавонад на танҳо ба сатҳу сифати таълим,ҳамзамон ба некуаҳволии зиндагии шоистаи волидайни донишҷуен, ба рушди устувори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва иқтисодиёт таъсир расонад” вале чунин хулосабарорӣ, бе анҷом додани таҳлилли вазъи қиёсии воридоти маблағҳои андозӣ ба Буҷети давлатӣ,аз тарафи ин муассисаҳо, ки метавонист ин таносубро муайян намуда, дурустии ин ақидаро тасдиқ намояд (аз он ҷумла Ҷадвали 2.4) ба анҷом расонида нашудааст.Инчунин масъалаи мазкур ба вазни қиесии андозҳои пардохташудаи МТОК,ки яке аз инҳо ба андоз аз арзиши иловашуда низ дахл дорад ва он ҳамагӣ 5,02% ро (Расми 2.1) ташкил менамояд, онро муаллиф бо сабабҳои номаълум ин ҳолатро “ниҳоятан баҳсталаб” ифода менамояд.

4. Дар диссертатсия такрори ҷумлаҳо (саҳ.37,41;38,43;42,43,77,85;69,70,71;101,119;129,130),мухолифати ақидаҳо (саҳ.71,73-74;96,120,138),риоя накардани истифодабарии иқтибосҳо (саҳ.101-102), ҳисобҳои носаҳеҳ аз нишондиҳандаҳои оморӣ ва таҳлилҳои анҷомдодашудаи он (Ҷадвали 2.3;2.4;диаграммаи 2.5 ва 2.6; Расми 2.2) ба чашм мерасад.

5. Дар параграфи 2.3 оид ба омузиши таҷрибаи хориҷии андозбандии МТОК-и давлатҳои хориҷӣ ба монанди (ШМА,Британияи Кабир,Гурҷистон,Кореяи Шимолӣ,Баҳрайн,Катар Кувайт ва ғайра) диссертант аз он ҷиҳат зарур мешуморад,ки онро мебояд дар оянда дар такмили сиёсати

дохилии қонунгузории андоз мавриди истифода қарор диҳад.Муаллиф танҳо бо пешниҳоди номгуйи меъерҳои андозҳои муқаррашуда барои МТОК ва меъерҳои имтиезҳои андоз аз арзиши иловашуда конеъ ва хулосабарорӣ намуда дар баробари ин, аз руи кадом критерияҳо ва хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунанда (ба монанди сарчашмаҳои молиявии маблағгузории ин МТОК ,низоми идоракунии ин муассисаҳо вобаста аз шакли моликият ва гайра) маҳз ҳамин давлатҳо хамчун объекти омузиши тачриба интиҳоб гардидаанд ва мушаххас таҷрибаи кадоми ин давлатҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул буда,инчунин механизми татбики он дар амалияи қонунгузории андози кишвар мавриди тадқиқот ба анҷом расонида нашудааст.

6.Дар Ҷадвали 3.1 унвонҷуй танҳо оид ба маблағи пардохташудаи андоз аз арзиши иловашударо (бе овардани маълумот дар бораи маблағи пардохти дигар намуди андозҳои муқаррарӣшуда) 4 МТОК худмаблағгузоро дар 2 соли таҳсили 2018-2019 ва 2023-2024 пешниҳод намудааст,ки имконияти муайян намудани сатҳи гаронии андозро дар ин муассисахо ғайримкон менамояд.Хуб мешуд,ки аз тарафи муаллиф маълумоти пардохтшудаи ҳамаи намуди андозҳо ва пардоҳтҳои ҳатмиро (агар барои ин МТОК худмаблағгузор муқаррар шуда бошад), бо МТОК давлатӣ дар 5 соли охир тахлили муқоисавӣ намуда вазни қиесии маблағҳои ба буҷети давлативоридшуда ин МТОК (хам давлатӣ ва худмаблағгузор) ҳисоб карда, ҳолати воқеъии ин гаронии андозро дар ин муассисаҳо хулосабарорӣ менамуд.

7.Дар матни зербоби 2.2 диссертант оид ба зарурияти истифодаи моделро пешниход накарда, якбора ба таҳияи модел шуруъ намудааст. Инҷунин, нодуруст интихоб намудани омилҳои барои таҳияи модел сурат гирифта шарҳи мухтасари коэффитсиентҳои ин модел ифода нагардидааст.Гузариш байни моделҳои регрессионӣ (эконометрикӣ) ва оптимизатсионӣ мавҷуд набуда, татбиқи амалии модели оптимизатсионӣ (1) дар диссертатсия оварда нашудааст. Инчунин, дар қисми хулоса ва тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаи амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ маълумот оварда нашудааст, ҳоло он, ки дар вазифа ва нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия масъалаи мазкур дарҷ гардидааст.

8.Дар ҷадвали 3.3 ки усули ҳисоби гаронии андоз дар 4 соҳаҳои гуногун(дар асл 3 соҳа дида мешавад) аз тарафи муаллиф пешниҳод гардида (саҳ.143)чунин хулосабарорӣ карда шудааст,ки муассисаҳои худмаблаггузори соҳаи маориф(ки,ин мафҳум васеъ аст ва натанҳо МТОК-ро балки ҳамаи зинаҳои таҳсилотро дар бар мегирад) меъери гаронии андоз 32%-ро ташкил менамояд,ки нисбати муассисаҳои молиявию карзӣ ва самти истеҳсолот зиёд мебошад.Хулосаи мазкур мухолифати меъерҳои қабулшуда ва амалибудаи мақомоти андози кишвар мебошад.Хуб мешуд,ки унвонҷуй барои тасдиқи

дурустии ин ақидаи худ оид ба усули муайн намудани ин нишондиҳанда бо Дастурамалии муайн намудани гаронии андоз,ки аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қаррор дода шудааст муқоиса намуда, сабаби ин фарқиятро бо шарҳу тавзеҳот асонок менамуд.

**10.Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия**

Пас аз баррасии диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мо ба хулосае омадем, ки он дар сатҳи миёнаи илмӣ иҷро шуда, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи "Тартиби додани унвони илмӣ", ки аз 30 июни соли 2021, № 267, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, дар маҷмуъ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
и.в. профессори
кафедраи андоз ва суғуртаи ДДМИТ Қодирзода Ҳ.Қ.
**5.02.26**

***Маълумот барои тамос:*** *Суроға: кӯҷаи Наҳимов 64/14, Душанбе, Тоҷикистон, 734064, тел.372310843,Почтаи электронӣ: www.tgfeu.tj)*

*Имзои* Қодирзода Ҳ.Қ-ро тасдиқ мекунам.
**Сардори Раёсати кадрҳо ва КМ** Мирҷамолов М.А

МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН • ОУ «ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ» • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ